**Протоколи №12-и**
чаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 10-уми августи соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои
шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ (Мушовири илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ**) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**БАРОМАД КАРДАНД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф. Ҳошимзода Б. Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Сафарзода Эҳсон ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Сафарзода Эҳсон ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

– **Муродӣ Мурод Бердӣ** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Бозорзода Нуриддин Шодипур** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;

– **Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовна** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ — Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Зоириён Б.Ш.